Тақриз

ба автореферати диссертатсияи Раҳимзода Файзимо Гурез дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташкили бозиҳо дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 – Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ)

Камолоти ахлоқии шахс ҳамон вакт ба нуктаи баландтарин мерасад, ки агар ӯ амалкарди худро бо меъёрҳои маънавию ахлоқии ҷамъиятӣ ҳамоҳанг созад, онро назорат кунад ва дар заминаи онҳо фаъолиятро бароҳ монад. Аз ин рӯ, таъсирҳои мақсадноки педагогӣ ҷиҳати тарбия кардани насли наврас аз манфиат холӣ набуда, барои ҷамъиятикунонии онҳо шароити мусоид фароҳам меорад.

Дар давраи аввали кӯдакӣ низоми муносибатҳои байни кӯдак бо калонсолон ва ҳамсолон васеъ мешаванд ва ташаккул мeёбанд. Амалҳо мураккабтар гардида, фаъолияти муштарак бо ҳамсолон ба вуҷуд меоянд. Кӯдаки синни томактабӣ олами атрофро дарк карда, муносибатҳоро дар асоси меъёрҳои рафтор ба роҳ мемонад.

Дар синни томактабӣ кӯдакон ба намудҳои гуногуни фаъолият дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ба мисли, бозиҳо, машғулиятҳои тасвирӣ, меҳнатӣ ва таълимӣ шинос гардида, ҷиҳати маърифат кардани ҷаҳони атроф аз онҳо истифода мебаранд. Кӯдакон тадриҷан ҳама намуди фаъолиятҳоро аз худ карда, онҳо бо мурури синну сол мураккабтар шуда, гуногунранг мегарданд ва дар оянда воситаи азхудкунии олами атроф мебошанд.

Ворид гардидани таҷҳизотҳои инноватсионӣ, техникию технологие, ки дар ҳаёти имрӯзаи шахс ба мисли: компютер, планшет, гаджету смартфон ворид гардидаанд, ба тамоми соҳаҳои иҷтимоии онҳо таъсирҳои худро гузошта истодаанд. Ин раванд соҳаи илму маорифро

низ фаро гирифтааст. Ворид шудани техникаю технологияи муосир дар ҷараёни таълим зарурати интихоб кардани воситаҳои самараноки таълиму тарбияро дар асоси усулҳои инноватсионӣ ва технологияҳои нави ҳамгиро талаб мекунад.

Раҳимзода Файзимо Гурез чунин қайд мекунад, бозиҳои дастаҷамъӣ кӯдаконро баҳам оварда, ба пайдо шудани муҳити созгор замина гузошта, дар ниҳоди онҳо ҳисси дӯстӣ, рафиқӣ, ёрии ҳамдигарӣ ва таҳаммулпазириро ба вуҷуд меоранд. Ин гуна бозиҳо ҷанбаи таълимию тарбиявиро доро буда, ба кори фикрӣ, тахайюлӣ ва образӣ, ки барои инкишофи минбаъдаи кӯдакон муҳим арзёбӣ мегарданд, замина мегузоранд.

Дар фаъолияти бозиҳо азхудкунии донишҳои нав дар кӯдакон оҳиста-оҳиста пайдо гардида, сатҳи маърифат, фаҳмиш, идрок ва зеҳн баланд мегардад. Кӯдакон, ки саргарми бозӣ мегарданд, пай намебаранд, ки онҳо чизҳои навро омӯхта истодаанд.

Хусусияти хоси ҳама гуна бозӣ ин зуҳури эҷодкорӣ аст. Зеро, ҳангоми бозӣ кӯдакон на танҳо амали касеро нусхабардорӣ мекунанд, балки ба дигарон тақлид карда, фикру ақидаҳои худро инъикос мекунанд. Бо нишон додани эҳсосот ва эмотсияҳои худ, кӯдакон муносибатро ба объекти тасвиршуда нишон медиҳанд. Яъне, ба ин васила кӯдакон муҳити атрофро мавриди омӯзиш қарор дода, сипас аз худ мекунанд.

Муаллиф чунин зикр мекунад, ки дар ҳар як машғулият ба вуҷуд овардани муҳити эҷодӣ, дӯстона, хушмуомилагӣ, ҳисси таваҷҷуҳ додан ба ҳар як кӯдак, эҳтиром зоҳир кардан ба эҷоди ӯ шартҳои муҳими инкишофи эҷодии кӯдакон ба шумор мераванд. Инчунин, ғанисозии таҷрибаи эҳсосӣ ва зеҳнии кӯдакон низ бояд рушд дода шавад. Таҷриба ҳар қадар ғанӣ гардонида шавад, фаъолияти кӯдакон ҳамон қадар гуногун мешаванд.

Аз натиҷаи корҳои ба анҷом расонида мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои гуногун нашр шудаанд, ки чортои он дар маҷаллаи тақризшавандаи сатҳи Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Тоҷикистон ба табъ расонида шудааст.

Аз автореферати диссертатсия ошкор мегардад, ки диссертатсия аз муқаддима, ду боб, шаш фасл, хулоса, адабиёт ва манбаъҳои истифодашуда иборат мебошад.

Хулоса, таҳқиқоти Раҳимзода Файзимо Гурез кори бaaнҷомёфтаи илмӣ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ,
муаллими калони кафедраи педагогика,
психология ва методикаи таълим,
факултети филологияи Донишгоҳи
Славянии Русия ва Тоҷикистон Қурбонова З.Ш.

03.04.2025

Имзои Қурбонова З.Ш.-ро тасдиқ мекунам.
Сардори идораи кадрҳо ДСРТ, н.и.ф., дотсент Раҳимов А.А.

Маълумот барои тамос: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Мирзо Турсунзада 30, телефон: (372213550), почтаи электронӣ: http://www.rtsu.tj